«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
_____ н.и.т. Ниёзӣ С.Р.
аз «__» _____ 2026 с.

ХУЛОСАИ

диссертатсияи Ҳакимова Барно Рустамовна дар мавзуи «Асосҳои назариявии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ)» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 5.3.9 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Ҳакимова Барно Рустамовна унвонҷӯи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим ба шумор мерафт. Унвонҷӯ Ҳакимова Барно Рустамовна 3-юми майи соли 1969 таваллуд шудааст. Солҳои 1986-1993 Донишгоҳи давлатии омӯзгории ш.Душанбе ба номи Қ. Ҷураев, ҳозира Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси педагогика ва методикаи таълимии ибтидоӣ (диплом ТВ-1№046312) хонда, хатм намудаст.

Унвонҷӯ Ҳакимова Б. Р. бо фармоиши директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон 13 ноябри соли 2013, таҳти №162 ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи аспиратура ва докторантура қабул шудаст.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Ҳакимова Б. Р. дар ҷаласаи Шурои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон 27 феврали соли 2014 таҳти №2 зери унвони «Асосҳои назариявии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ)» тасдиқ гардида, бо қарори маҷлиси мазкур роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иматова Л.М. таъин гардидаст.

Муҳаққиқ Ҳакимова Б. Р. имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои зерин бомуваффақият супоридааст: аз фанни Забони хориҷӣ (англисӣ)

18.11.2014 с.- 4 (хуб); аз фанни Таърих ва фалсафаи илм 19.05.2014 - 4 (хуб) ва аз руйи ихтисос 5.3.9 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) 18.09.2026 - 5 (аъло). Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадиро Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 20.09.2026, №893 додааст.

Диссертатсияи Ҳакимова Б. Р. дар ҷаласаи васеи ғайринавбатии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим аз «25» сентябри соли 2026, № 9 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон Негматов С.Э. - доктори илмҳои педагогӣ ва Амонов С. – номзади илмҳои педагогӣ баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои назариявии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ)» хулоса қабул карда шуд.

Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия. Диссертатсияи Ҳакимова Барно Рустамовна дар мавзуи «Асосҳои назариявии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.3.9 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мутобиқат дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионии диссертант ба яке аз масъалаҳои мубрами назария ва амалияи педагогикаи миллӣ бахшида шудааст. Мутобиқшавии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, азхудкунии нақшҳои иҷтимоӣ, меъёрҳо, арзишҳо ва намунаҳои рафтор шарти муҳимтарини ба таври пурра дохил кардани шахс ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва касбӣ равона мегардад. Дар шароити хизмати ҳарбӣ ин раванд аҳамияти махсус дошта, афсар на танҳо мутахассисест, ки вазифаҳои муайянро иҷро мекунад, балки дорандаи идеологияи давлатӣ, фарҳанг, ҳисси ватандӯстӣ, интизом ва бо масъулияти ҳарбӣ ба Ватан хизмат мекунад.

Ҳадафи асосӣ коркарди асосҳои назариявӣ ва методологии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявӣ, муайян намудани дурнамо ва роҳу равиши рушди муназзам ва мураттаби корҳои тарбиявӣ дар заминаи таъсиси муҳити созгори иҷтимоишавӣ, ҳамкории коллектив ҳарбӣ дар роҳандозӣ ва татбиқи босифати мутобиҳшавии

онҳо ба хизмати ҳарбӣ мебошад. Низоми корҳои тарбиявӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳадафҳои мутобиқшавии афсарони ҷавон маҷмӯи дониш, маҳорат, малака ва муносибатҳоеро дар бар мегиранд, ки барои мутобиқшавӣ ба муҳити иҷтимоӣ, касбӣ ва шахсӣ аҳамияти калидӣ доранд.

Аз ин рӯ, интихоби мавзуи таҳқиқоти Ҳакимова Б. Р. аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ пурра асоснок буда, ба талаботи воқеии низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавоб медиҳад.

Дараҷаи коркарди мавзуи мазкурро муҳаққиқ Ҳакимова Б. Р. хеле бамаврид дар илми педагогикаи тоҷик таҳлилу баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки масъалаи мушкилоти мутобиқсозии шахс дар асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла: И.А. Абзалов, А.Ш. Давлатшоева, С.Давлатшоев, И. Давлатшоев, А. Қаландаров, Ш.К. Маҳмутов, Т.З. Мунавварова, С.С. Нозимов, С.О. Сатторов, Х.Х. Ҳасанов, М.В. Ермаков, Е.А. Климов, Ю.А. Ленев, С.В. Николаев, С.В. Оспенников, Ю.В. Савин, В.Т. Татаренко ва дигарон ба таврии васеъ тавзеҳ дода шудаанд.

Оид ба мушкилоти иҷтимоишавии шахс дар асарҳои илмии олимони ватанӣ: С.Н. Алиев, Ф. Гулмадов, Л. М. Иматзода, И.Х Каримова, Ш.П. Котибова, Б.Қ. Қодиров, Б.Р. Қодиров, М. Лутфуллозода, Б. Маҷидова, Б. Нуров ва дигарон таҳлил карда шуданд.

Ҳамзамон, корҳои таҳқиқотии муҳаққиқони ватанӣ Ҷ. Абдулов, С. Амонов, Р. Н. Азиззода, М. Акмалова, Б. Мирбобоева, Ҳ. Нарзуллоев, Р. Ҳ. Неъматов, Д. Р. Одилзода, Г. М.Садуллоева, Саодати Раҳмоналӣ, Сайдамадзода Ҳусноро, Ш.О. Фозилзода ва дигарон низ масъалаҳои иҷтимоишавии шахс новобаста аз синну сол ва касбияташон баррасӣ шудаанд.

Мақсади таҳқиқот: аз лиҳози назариявӣ асоснок намудан ва аз ҷиҳати озмоишӣ санҷидани воситаҳои иҷтимоӣ-педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Вазифаҳои таҳқиқот аз таҳлили назариявӣ ва методолигии мавҳуми «мутобиқшавии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявӣ дар ҚМ ҶТ» ва муайян намудаи моҳият, сохтор ва нақши онҳо дар рушди шахсияти афсарони ҷавон, муайян ва асоснок намудани шароити ташкилӣ-педагогие, ки ба ташаккули самаранокии мутобиқшавии афсарони ҷавон мусоидат менамоянд, иборат аст. Маҷмӯи ин вазифаҳо раванди таҳқиқотро пурра ташкил мекунад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки масъалаи мутобтқсозии афсарони ҷавон дар шароити хизмати аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ дар асоси мантиқи илмӣ мавриди омӯзиш, таҳлил ва асосноккунии ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Зимни он моҳият, сохтор ва хусусиятҳои асосии раванди мутобиқсозии афсарони ҷавон аз ҷиҳати назаривию педагогӣ муайян ва асоснок гардида, хусусиятҳои хоси мутобиқсозии касбии онҳо дар шароити хизмати ҳарбӣ мушаххас карда шудаанд. Шароитҳои ташкилию педагогии мусоид ба татбиқи самараноки амсилаи педагогии «Мутобиқшавии афсарони ҷавон бо истифодаи технологияҳои муосири тарбиявӣ» дар раванди мутобиқсозии онҳо муайян ва коркард гардида, тавассути озмоиши педагогӣ санҷида ва натиҷаҳои он арзёбӣ шуданд. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада тависияҳои имлмию амалӣ пешниҳод гардиданд.

Дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда муқаррароти назариявию методологӣ ва натиҷаҳои амалии таҳқиқот оид ба мутобиқсозии касбии афсарони ҷавон дар шароити хихмати ҳарбӣ пешниҳод карда мешаванд. Мутобиқсозии афсарони ҷавон ҳамчун раванди мақсаднок ва марҳилавӣ баррасӣ гардида, анқши он дар ташаккули ҳивуияти касбӣ, инкишофи шавқу рағбат ба фаъолияти хизматӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок шудааст. Муқаррар гардидааст, ки самаранокии раванди мутобиқсозии касбии афсарони ҷавон аз таъмини шароитҳои мусоиди ташкилию педагогӣ вобастагӣ дорад. Собит гардидааст, ки амсилаи иҷтимоию педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон, ки аз чор ҷузъи ба ҳам алоқаманд- ангезандагӣ-арзишӣ, маърифатӣ фаъолиятӣ ва рефлексивӣ иборат аст, ҷиҳати афзоиши нишондиҳандаҳои мутобиқсозии касбӣ ва шавқу рағбати афсарони ҷавонро ташаккул додан, мусоидат менамояд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки мафҳуми илмии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии касбии афсаронро васеъ мегардонад; назарияи мутобиқсозӣ ва таҳсилоти педагогиро бо муқаррарот барои рушди фаъолияти касбии афсарон амиқтар месозад; донишҳои илмӣ ва педагогиро дар бораи механизмҳои ворид намудани мутобиқсозӣ дар раванди муосири хизмати ҳарбӣ ғанӣ мегардонад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он дида мешавад, ки амсилаи иҷтимоию педагогии «Мутобиқшавии афсарони ҷавон бо истифодаи технологияҳои муосири тарбиявӣ» дар пойгоҳҳои таҳқиқотӣ мавриди озмоишу санҷиш дода шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот барои такмили мазмун, шакл ва воситаҳои ташкили корҳои таълимию тарбиявӣ , баланд

бардоштани нақши тарбиявию иҷтимоии афсарон, ташаккули муносибати бошуурона нисбат ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ мусоидат менамояд.

Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ. Таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегии мамлакат оид ба мувофиқгардонии натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, педагогӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ созгор буда, ба стратегия ва барномаҳои давлатии рушди илм дар кишвар, махсусан дар самти иҷрои мақсад ва вазифаҳои кишвар роҷеъ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Дар бораи тарбияи ватанпарастии шаҳрвандон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ» (2021), Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2045 (2025), Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи 2030, мувофиқ буда, марҳилаҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои озмоиш дар доираи мавзуъҳои илмӣ-таҳқиқотии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмон Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба анҷом расидаанд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), аз он ҷумла, ба **банди 1** - Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; амсиласозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва ба **банди 4** - Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мувофиқ мебошад.

Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо. Довталаб натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар заминаи Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи олии Сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати кардҳо ва таълимоти ҳарбии ВМ ҶТ, Раёсати корҳои сиёсӣ- тарбиявии ВМ ҶТ дар се марҳила амалӣ татбиқ намуда, доир ба амалисозии таҳқиқот ва озмоишҳои гузаронидашуда санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои дар истеҳсолотро пешниҳод намудааст.

Хулосаи аз ҷиҳати илмии асоснокшуда ва маводи умумии рисолаир илмӣ оид ба мутобиқшавии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявӣ ҚМ ҶТ, ташаккули омодагии касбӣ ва маҳорати

тарбиявии афсарони ҷавон, баланд бардоштани самаранокии кори тарбиявӣ дар ҷузъу томҳо, ҳамгироии назария ва амалияи корҳои тарбиявӣ, мураттаб намудани дастурҳои методӣ метавонад истифода шаванд.

Хулоса, дар раванди таҳқиқот маълум гардид, ки дар амал татбиқ гардидани маҷмӯи шароитҳои педагогӣ имкон дод, ки як қатор технологияҳои нави педагогӣ дар рисолаи илмӣ асоснок карда шаванд. Онҳо дорои навоварии илмӣ буда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд. Аз ҷумла, равшан гардид, ки фаъолияти лоиҳавӣ, вазъиятҳои воқеии хизматӣ-тарбиявӣ, ҳамкорӣ дар гурӯҳ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ба ташаккули таҷрибаи мустақили афсари ҷавон ва мутобиқшавии ӯ ба низоми корҳои тарбиявӣ таъсири мустақим расониданд. Ҳамин тариқ, татбиқи шароитҳои пешниҳодшуда ба ташаккули омодагии касбӣ ва маҳорати тарбиявии афсарони ҷавон, баланд бардоштани самаранокии кори таълимӣ-тарбиявӣ дар қисмҳои ҳарбӣ ва мутобиқшавии муваффақонаи онҳо ба шароити хизмати ҳарбӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун додаҳои таҷрибавӣ ва коркарди онҳо, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия, бевосита фаъолият намудан ба ҳайси афсар ва масъули корҳои тарбиявӣ дар қисмҳои ҳарбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки то ҳол дар ин вазифа фаъолияти хизматӣ мебаранд, дида мешавад. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ шудаанд, бешубҳа маҳсули шахсии муаллиф мебошанд.

Сохтор ва муҳтавои диссертатсия мантиқан ба ҳам алоқаманд буда, аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад. Матни диссертатсия бо забони илмӣ навишта шуда, натиҷаҳои таҳқиқот бо далелҳо, ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва маълумоти таҷрибавӣ асоснок гардидаанд.

I.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тавсияшуда нашр шудаанд:

1. Ҳакимова Б.Р. Методҳои асосии пешбурди корҳои тарбиявӣ дар Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Б.Р. Ҳакимова// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2015. № 3/5 (173). – С. 272-274. ISSN 2074-1847.

2. Хакимова Б.Р. Значение организации и проведение воспитательной работы в Вооруженных силах Республики Таджикистан [Матн] /Б.Р. Хакимова// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2015. № 3/11 (188). – С. 253-256. ISSN 2074-1847.

3. Хакимова Б.Р. Педагогико-психологические основы воспитательных работ в Вооруженных Сил Республики Таджикистан [Матн]/ Б.Р. Хакимова// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2015. № 3/3 (166). – С. 275-278. ISSN 2074-1847.

4. Ҳакимова Б.Р., бо ҳаммуалифии Буриев Б., Азизгиева Г. Технологияи истифодабарии маводи аёнӣ ва тақсимотӣ дар раванди таълим [Матн] / Ҳакимова Б.Р, Буриев Б.,Азизгиева Г. // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2020. №6 (31). – С. 28-36. ISSN 2617-5320

5. Ҳакимова Б.Р. Хусусиятҳо педагогиии иҷтимоишавии хизматчиёни ҳарбӣ дар коллективҳои ҳарбӣ [Матн] / Иматзода Л.М., Б.Р. Ҳакимова//Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2025. №4 (52). – С. 5-10. ISSN 2617-5320.

6. Ҳакимова Б.Р. Масъалаҳои ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ – психологии афсарони ҷавон [Матн] /Б.Р. Ҳакимова// Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2026. №1 (53). – С. 165-169. ISSN 2617-5320.

II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуа ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

7. Ҳакимова Б.Р. Навовариҳои методию амалӣ дар таҳқиқоти педагогӣ [Матн] /Б.Р. Ҳакимова//Илм ва Инноватсия (маҷалаи илмию методӣ) Пажӯҳишгоҳи рушди маориф АТТ. №1-2 2014 (7-8). – С. 49-52. ISSN 2308-3662.

8. Хакимова Б.Р. Исторические опыт организации и проведения воспитательных работ с военнослужащими [Матн] /Б.Р. Хакимова// Илм ва Инноватсия (маҷалаи илмию методӣ). Пажӯҳишгоҳи рушди маориф АТТ. №3 2015 (13). – С. 35-41. ISSN 2308-3662.

9. Ҳакимова Б.Р. Омӯзиши ҳолати руҳӣ равонии хизматчиёни ҳарбӣ дар замони осоишта ва ҳолати фавқулода [Матн] /Б.Р. Ҳакимова// Илм ва Инноватсия (маҷаллаи илмию методии ПРМ АТТ). №4 2015 (14). – С. 101-103. ISSN 2308-3662.

10. Ҳакимова Б.Р. Зидди ифротгарой [Матн] /Б.Р. Ҳакимова// Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. № 2, 3, 4 -2015. – С. 89-94. ISSN 2222-9809.

11. Ҳакимова Б.Р. Омода намудани кадрҳои педагогӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ [Матн] /Б.Р. Ҳакимова// Илм ва Инноватсия (маҷаллаи илмию методӣ) Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ. №2 2016 (16). – С. 24-26. ISSN 2308-3662.

12. Ҳакимова Б.Р. Асосҳои ташкили мухофизати шаҳрвандон дар ҳолатиҳои фавқулода [Матн] /Б.Р. Ҳакимова// Илм ва инноватсия (маҷаллаи илмию методӣ) Пажӯҳишгоҳи рушди маориф АТТ. №1-2 2017 (19). – С. 12-15. ISSN 2308-3662.

13. Ҳакимова Б.Р. Зиёев Қ. Баҳодиҳӣ ба фаъолияти таълимии хонандагон аз фанни «Омодагии ибтидоии ҳарбӣ» [Матн] / Б.Р. Ҳакимова// Илм ва инноватсия (маҷаллаи илмию методӣ) Пажӯҳишгоҳи рушди маориф АТТ. №3-4 2017 (20). – С. 126-142. ISSN 2308-3662.

14.Ҳакимова Б.Р. Саҳми занҳои Тоҷикистон дар Ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ [Матн] /Б.Р. Ҳакимова// -Сборник материалы научной конференции, Посявшонной 70-летию Победы в Великой Отечественной войны, «Таджикистан в Великой Отечественной Войне 1941-1945» Институт истории, археологии и этнографии АН РТ –Душанбе «Дониш» С. 358-362. ISSN 978-99975-44-40-7.

15. Ҳакимова Б.Р. Истиқлолият шарафу номуси Ватандорӣ ва ифтихор аз давлату миллати хеш [Матн] /Б.Р. Ҳакимова// -маҷмӯа мақола ва маърӯзаҳо «Эмомалӣ Раҳмон бунёдгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ» устодони Коллеҷи техникию омӯзгорории н.Рӯдакӣ –Душанбе, 2018.-92с. С. 74-80. УДК238 (575.3) ББК 66.61(2) 8 (2 тоҷик) Э -57

III. Дастури методӣ

16. Ҳакимова Б.Р. Дастури таълимӣ-методӣ барои омӯзгорони фанни «Омодагии ибтидоии ҳарбӣ». Душанбе: «Сифат», соли 2016, 101 саҳ.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Ҳакимова Барно Рустамовна дар мавзуи «Асосҳои назариявии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (Педагогикаи иҷтимоӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Ҳакимова Барно Рустамовна дар мавзуи «Асосҳои назариявии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии

Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (Педагогикаи иҷтимоӣ) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи ғайринавбатии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим санаи «25» сентябри соли 2026, №9 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 17 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 17 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа,
мудири шуъбаи педагогика,
психология ва методикаи таълими
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи
Абдураҳмони Ҷомии Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон,
д.и.п., профессор Л.Иматзода

Котиби ҷаласа:
н.и.п.,дотсент Г.Ҷонмаҳмадова

Имзоҳои Л.Иматзода ва Г.Ҷонмаҳмадоваро тасдиқ мекунам:

Нишонӣ: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи А.Адҳамов, 11/2, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи
Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
Тел.: +992 2274600; Факс: +992 2274525;
www.prmatt.tj Е-майл: prmatt@maorif.tj

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи
Абдураҳмони Ҷомии Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон Х.Ҳакимова
15.10.2026 с.